**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Бахтиёр Бобомурод дар мавзӯи «Банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назария ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст**

Ҳар илми муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи таъмини ягонагии дохилӣ, мантиқияти сохторӣ ва самаранокии қонунгузориро яке аз самтҳои муҳими таҳқиқоти назариявӣ ба ҳисоб меравад. Қонунгузории ҷиноятӣ танҳо маҷмӯи меъёрҳое нест, ки кирдорҳои барои ҷомеа хавфнокро манъ менамояд, балки низоми мураккаби ҳуқуқие мебошад, ки дар он мафҳумҳо, институтҳо, категорияҳо ва меъёрҳои алоҳида бо робитаҳои дохилӣ ва вобастагии мутақобила амал мекунанд.

Аз ин нуқтаи назар, мавзӯи интихобнамудаи Қодирзода Бахтиёр Бобомурод – «Банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назария ва амалия» – ба яке аз масъалаҳои калидии рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории миллӣ бахшида шудааст.

Мубрамияти таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, пайдоиши шаклҳои нави рафтори ҷиноятӣ ва тағйирёбии сиёсати ҷиноятии давлат зарурати бознигарии на танҳо мазмуни меъёрҳои ҷиноятӣ, балки сохтор, тасниф ва ҷойгоҳи онҳоро дар низоми умумии қонунгузорӣ ба миён меорад. Дар чунин шароит масъалаи муайян намудани қонуниятҳои дохилии ташаккул ва рушди Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳаммияти махсус мебошад.

Автореферати диссертатсия шаҳодат медиҳад, ки муаллиф барои таҳқиқи мавзӯъ муносибати васеи илмиро интихоб намуда, масъалаи қонунгузории ҷиноятиро аз мавқеи низомшиносӣ, назарияи ҳуқуқ, техникаи ҳуқуқӣ ва таҷрибаи татбиқи меъёрҳо мавриди омӯзиш қарор додааст.

Яке аз хусусиятҳои муҳими кори пешниҳодшуда дар он мебошад, ки муаллиф аз омӯзиши ҷудогонаи меъёрҳои ҳуқуқӣ берун рафта, кӯшиш намудааст, ки қонуни ҷиноятиро ҳамчун низоми томи ҳуқуқӣ таҳлил намояд. Чунин равиш барои илми ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти калон дорад, зеро маҳз муносибати низомӣ имкон медиҳад, ки робитаҳои байни унсурҳои гуногуни қонунгузорӣ ошкор карда шаванд.

Дар диссертатсия масъалаҳои марбут ба матни қонуни ҷиноятӣ, хусусиятҳои забонӣ ва сохтории ифодаи меъёрҳо мавқеи муҳим доранд. Ин самти таҳқиқот бо он арзишманд аст, ки дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳар як калима ва мафҳуми истифодашуда метавонад ба ҳудуди ҷавобгарии ҷиноятӣ ва тарзи татбиқи қонун таъсир расонад. Аз ин рӯ, омӯзиши ҷанбаҳои матншиносӣ ва мантиқии қонунгузорӣ барои таъмини муайянӣ ва устувории меъёрҳои ҳуқуқӣ зарур мебошад.

Муаллиф инчунин ба масъалаи сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, кӯшиш кардааст, ки ҷойгоҳи онҳо дар ташаккули низоми меъёрҳои ҷиноятиро муайян намояд. Ин муносибат имкон медиҳад, ки қонунгузории ҷиноятӣ на танҳо ҳамчун санади ҳуқуқӣ, балки ҳамчун натиҷаи таъсири омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ арзёбӣ гардад.

Қисмати назариявии диссертатсия, ки ба вазифаҳо ва сохтори меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ бахшида шудааст, яке аз самтҳои асосии таҳқиқот мебошад. Муаллиф масъалаи вазифаҳои қонунгузории ҷиноятиро дар алоқамандӣ бо моҳияти иҷтимоии ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ намуда, зарурати такмили низоми меъёрҳоро асоснок менамояд.

Таҳлили сохтори меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ имкон медиҳад, ки масъалаҳои марбут ба тарзи ифодаи қоидаҳои ҳуқуқӣ, ҷойгоҳи унсурҳои меъёр ва робитаи онҳо бо институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ амиқтар дарк карда шаванд.

Ҷиҳати мусбати таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф масъалаи низомнокии Қисми умумии Кодекси ҷиноятиро ҳамчун яке аз масъалаҳои мустақили илмӣ баррасӣ кардааст. Ин равиш имконият медиҳад, ки институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ на ҳамчун маҷмӯи мустақил, балки ҳамчун қисматҳои бо ҳам пайвастаи як низоми умумӣ таҳлил карда шаванд.

Яке аз натиҷаҳои муҳими диссертатсия таҳлили масъалаи категорияҳои ҷиноят ва меъёрҳои таснифи онҳо мебошад. Таснифи ҷиноятҳо аҳаммияти на танҳо назариявӣ, балки амалӣ низ дорад, зеро аз он дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдор, хусусияти ҷавобгарии ҷиноятӣ ва дигар масъалаҳои ҳуқуқӣ вобаста мебошад.

Муаллиф бо истифода аз таҳлили муқоисавӣ кӯшиш намудааст, ки хусусиятҳои таснифи ҷиноятҳоро дар қонунгузории давлатҳои хориҷӣ муайян намуда, имконияти истифодаи таҷрибаи мусбатро барои такмили низоми миллӣ баррасӣ намояд.

Қисмати марбут ба модели назариявии таркиби ҷиноят низ яке аз бахшҳои муҳими диссертатсия мебошад. Баррасии муносибатҳои нормативистӣ ва объективистӣ нисбат ба мафҳуми таркиби ҷиноят ба муаллиф имконият додааст, ки масъалаи мазкурро аз мавқеъҳои гуногуни назариявӣ таҳлил намояд.

Аҳаммияти ин таҳлил дар он аст, ки таркиби ҷиноят ҳамчун асоси ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ дар тамоми низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ нақши марказӣ дорад. Муайян намудани муносибати дурусти назариявӣ ба сохтор ва унсурҳои он барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ муҳим мебошад.

Навгонии илмии диссертатсия пеш аз ҳама дар кӯшиши таҳияи тасаввури ягона оид ба низомнокии қонунгузории ҷиноятӣ ифода меёбад. Муаллиф масъалаҳои сохтор, тасниф, робитаи байни институтҳо ва хусусиятҳои ташаккули Қисмҳои умумӣ ва махсуси Кодекси ҷиноятиро дар як низоми ягона мавриди таҳлил қарор додааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои рушди назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили фаъолияти қонунгузорӣ ва баланд бардоштани сифати татбиқи қонун истифода шаванд. Пешниҳодҳои муаллиф метавонанд ҳангоми таҳияи тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятӣ, инчунин дар фаъолияти таълимӣ ва илмӣ истифода шаванд.

Дар баробари арзёбии мусбати таҳқиқот, баъзе масъалаҳо метавонанд ҳамчун самтҳои рушди минбаъдаи мавзӯи мазкур баррасӣ гарданд.

Аз ҷумла, дар таҳлили муносибатҳои нормативистӣ ва объективистӣ нисбат ба таркиби ҷиноят зарур аст, ки имконияти ҳамгироии ин ду равиш нишон дода шавад. Танҳо яке аз ин назарияҳоро асос қарор додан метавонад фаҳмиши пурраи моҳияти ҷиноятро маҳдуд намояд.

Аммо мулоҳизаҳои мазкур хусусияти такмилдиҳӣ дошта, ба сатҳи баланди илмии диссертатсия таъсир намерасонанд.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Қодирзода Бахтиёр Бобомурод натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи илмӣ буда, масъалаи муҳим ва мураккаби илми ҳуқуқи ҷиноятиро фаро мегирад.

Муаллиф бо истифода аз муносибати низомӣ-сохторӣ тавонистааст масъалаҳои марбут ба банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, як қатор хулоса ва пешниҳодҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок пешниҳод намояд.

Таҳқиқоти мазкур дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Таҳқиқоти илмии Қодирзода Бахтиёр Бобомурод дар мавзӯи «Банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назария ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мансуб аст. Диссертатсия дар доираи талаботи банди 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳои 26 июли соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, таҳия гардида, пурра мутобиқати ҳуқуқӣ ва меъёрии давлатии талаботи академиро таъмин менамояд.

**Такриздиҳанда**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири
кафедраи ҳуқуқи соҳибкории факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон Султонова Т.И.

**Суроғаи муассиса:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30
Тел. (+992 237) 221-35-50; Факс.: (+992 237) 221-05-70
E-mail: p.rektora@mail.ru
www.rtsu.tj.ru

**Имзои Т.И. Султонова-ро тасдиқ менамоям:**
Сардори Раёсати кадрҳои муассисаи
байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон Боровитская Л.А.

«11» сентябри соли 2026